ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*аз «03» 04 соли 2025 № 132/бд ш. Душанбе*

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 6 моддаи 16 ва сархати 7 қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Иматшоева Мунира Бандишоевна парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Забоншиносӣ” аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рад карда шавад.
2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Вализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Иматшоева М.Б.

Раис[…] Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ